Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14,

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Танзим ва дастгирии рушди иқтисодии минтақа яке аз масъалаҳои мубрами низоми иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо баҳисоб рафта дар ниҳоят амали намудани муносибатҳои иқтисодӣ барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхурии иттиҳоди Шуравӣ хело мубрам мебошад. Дар давраи ба истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пош хурдани низоми нақшавӣ муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кишвар кулан тағйир ёфта, зарурати таҳқиқоти рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо ба миён омад.

Муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки давлат барои танзими рушди минтақаҳои кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асосан диққати худро ба ҳавасмандсозии рушди вилоятҳои қафомонда равона ва сабабҳои дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодиро муайян мекунад. Ва яке аз чунин минтақаҳое, ки дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ аз дастгирии давлатӣ баҳравар гардидааст, минтақаи Рашт мебошад(саҳ. 3).

Дар ин замина, масъалаҳои тақвият ёфтани нақши давлат, такмили вазифаҳои он дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар шароити таназзули иқтисодӣ, ноустувории буҷет ва иқтидори андозӣ дар ноҳияҳои минтақаи Рашт, то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Асосноккунии илмии нақшу вазифаҳои давлат дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, дар асоси такмил додани низоми молиявӣ, зарурати интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян мекунад.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки аз таҳлилҳои олимони ватанию хориҷӣ метавон ба хулосае омад, ки иқтисодиёти минтақавӣ яке аз шохаҳои илми иқтисодӣ буда, мусоидат ба рушди он айни замон бомаврид мебошад. Маврид ба зикр аст, ки ҳангоми таҳлили ҳолати воқеии ноҳияҳои минтақаи Рашт хулоса намудааст, ки масоҳат, аҳолӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Сангворро таҳлил намуда, онҳоро ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ дар якҷоягӣ минбаъд минтақаи Рашт гуфта, мавриди таҳқиқ қарор додааст(саҳ.11).

Дар низоми иқтисоди бозорӣ аксарияти аҳолӣ ба фаъолияти чорводорӣ, кишоварзӣ, занбуриасалпарварӣ машғулбуда, маҳсулотҳои истеҳсолгардидаи онҳо бештар ҳамчун ашиёи хом баромад намуда барои истеъмоли хоҷагии хонаводаҳо равона шудааст. Ва таҳлили дурусти илмӣ дар ин замина

метавонад барои ноил гардидан ба низоми истеҳсолоти саноати сабук барои коркарди ашёи хоми минтақаи Рашт мусоидат намояд.

Аз таҳқиқоти унвонҷӯ бармеояд, ки дар минтақа яке аз соҳаҳои таъминкунандаи рушд, соҳаи кишоварзӣ маҳсуб ёфта, ба дастгирӣ ва таъмини техникаҳои замонавӣ ниёз дорад. Ҳолати мавҷудияти техникаҳои кишоварзии минтақаи Рашт ҳангоми тадқиқот дар асоси маълумоти расмии оморӣ муайян гардид, ки дар соли 2022 шумораи тракторҳои гуногунтамға 1333 адад, ядакҳои трактор 337, досҳои тракторӣ 325 адад, испорҳои тракторӣ бошад, 684 адад, шумораи автомобилҳои боркаш 120 адад ва комбайнҳои ғалладаравӣ 28 ададро ташкил медиҳанд(сах.15).

Дида мешавад, ки унвонҷӯ корро мустақилона анҷом додааст ва он дорои муваффақиятҳои таҳлилӣ, оморӣ ва илмӣ мебошад, лекин оид ба тасдиқ шудан ё рад гардидани фарзияи илмии пешниҳодшуда, ки “барои аз минтақаи дотатсионӣ баровардани ноҳияҳои минтақаи Рашт мусоидат мекунад” хулосаи муаалиф барраси нашудааст.

Кори илмии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсия дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич арзандаи дараҷаи илмӣ- номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷумъаев Б. М.

Имзои д.и.и дотсент Ҷумъаев Б. М.-ро тасдиқ менамоям:

Мудири шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, **Тел:** (+992) 934-888-670, **E-mail:** j_bahoviddin@mail.ru